بسم الله الرحمن الرحيم

***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتّى يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****,* *саҳ****. 122;*** *Сунани Дорамӣ****,*** *ҷилди* ***2,*** *саҳ****. 432;*** *Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3,*** *саҳ****. 14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4,*** *саҳ****. 366, 371,*** *ҷилди* ***5,*** *саҳ****. 182,*** *Мустадраки Ҳоким****,*** *ҷилди* ***3,*** *саҳ****. 109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати панҷум**
**Зиндагии пешвои сеюм ҳазрати**
**Имом Ҳусайн (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**

نـام کتاب: پيشواى سوم حضرت امام حسين (ع)

نـويسنده: هيأت تحريريه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرين تـاج

زبـان: تـاجيکى

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои сеюм Имом Ҳусайн)

**Муаллиф**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума

**Мутарҷим**: Зарринтоҷ

**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангӣ, Идораи тарҷума

**Адади нашр**: 3000

**Навбати чоп**: Аввал

**Таърихи чоп**: соли 2008

**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»

**Чопхона**: Исроъ

ISBN: 978-964-529-208-7

www.ahlul-bayt.org

info@ahlul-bayt.org

**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои сеюм ҳазрати Имом Ҳусайн (а)

**Валодат**

Рӯзи сеюми шаъбони соли чаҳоруми ҳиҷрат дуюмин фарзанди баруманди Ҳазрати Алӣ ва Фотима, ки дуруди Худо бар эшон бод, дар хонаи ваҳй ва вилоят чашм ба ҷаҳон кушод.

Вақте хабари валодаташ ба Паёмбари Ислом(с) расид, ба хонаи ҳазрати Алӣ ва Фотима(а) омад ва Асморо[1] фармуд то кӯдакро биёварад. Асмо навзодро дар порчаи сафед печид ва назди Расули Акрам(с) бурд. Он гиромӣ ба гӯши рости ӯ азон ва ба гӯши чапаш иқома гуфт.[2]

Рӯзи аввал ё ҳафтумин рӯз аз валодати босаодаташ, амини ваҳйи илоҳӣ Ҷабраил фурӯд омад ва гуфт:

"Саломи Худованд бар ту бод эй Расули Худо, ин навзодро ба номи писари хурдии Ҳорун

[1] Эҳтимол дорад манзур аз Асмоъ духтари Язид ибни Сакани Ансорӣ бошад. "Аъёнушшиа", ҷ.11 саҳ.167

[2] "Амолӣ"-и шайх Тӯсӣ ҷ.1 саҳ.377.



"Шубайр",[1] ки ба арабӣ "Ҳусайн" хонда мешавад, ном бигзор".[2] Алӣ(а) барои ту ба мисли Ҳорун барои Мӯсо ибни Имрон аст, ҷуз он ки ту хотами пайғамбарон ҳастӣ.

Ба ҳамин тартиб номи пуразамати Ҳусайн аз ҷониби Парвардигор барои дуюмин фарзанди Фотима интихоб шуд.

Рӯзи ҳафтуми валодаташ Фотимаи Заҳро, гӯсфандеро барои фарзандаш ба унвони «ақиқа»[3] кушт ва сари он ҳазратро тарошид ва ҳамвазни мӯйи сараш нукра садақа дод.[4]

**Ҳусайн ва Паёмбар (с)**

Аз таваллуди Ҳусайн ибни Алӣ(а), ки дар соли чаҳоруми ҳиҷрат буд, то реҳлати Расули Худо(с), ки шаш сол ва чанд моҳ баъд аз он иттифоқ афтод, мардум аз изҳори муҳаббат ва лутфе, ки Паёмбари Худо(с) дар бораи Ҳусайн(а) иброз

[1] Шабар бар вазни Ҳасан, Шубайр бар вазни Ҳусайн ва Мушбир бар вазни Муҳсин номи писарони Ҳорун будааст. Пайғамбари Ислом(с) фарзандони худ Ҳасан, Ҳусайн ва Муҳсинро ба ин се ном номидааст. "Тоҷуларус" ҷ.3 саҳ.379. Ин се калима дар забони арабӣ ҳамон маъноеро дорад, ки Ҳасан, Ҳусайн ва Муҳсин дар забони арабӣ дорад, "Лисонуларабӣ" ҷ.6, саҳ.60

[2] "Маониялахбор" саҳ.57.

[3] Дар манобеи исломӣ дар бораи "ақиқа" супориши фаровон шуда ва барои саломатии фарзанд бисёр боаҳамият дониста шудааст, "Васоилушшиа" ҷ.15, саҳ.143.

[4] "Кофӣ" ҷ.6, саҳ.33.

медоштанд, ба бузургворӣ ва мақоми шоистаи пешвои сеюм огоҳ шуданд.

Салмони Форсӣ мегӯяд:

Дидам, ки Расули Худо(с) Ҳусайн(а) – ро бар зонуи худ ниҳода ӯро мебӯсид ва мефармуд:

> ***“Ту бузургвор ва писари бузургвор ва падари бузургворонӣ. Ту имом ва писари имом ва падари имомон ҳастӣ. Ту ҳуҷҷати Худо ва писари ҳуҷҷати Худо ва падари ҳуҷҷатҳои Худоӣ, ки нӯҳ нафаранд ва хотами онҳо, Қоими онҳо (Имом Маҳдӣ) мебошад”.*** [1]

Анас ибни Молик ривоят мекунад:

Вақте аз Паёмбар пурсиданд, ки кадоме аз аҳли байти худро бештар дӯст медоред, фармуданд: “**Ҳасан ва Ҳусайнро**”. Борҳо Паёмбари Худо Ҳасан ва Ҳусайнро ба сина мефишурданд ва ононро мебӯйиданд ва мебӯсиданд.[2]

Абуҳурайра, ки аз наздикони Муовия буд, чунин эътироф карда мегӯяд:

Расули Акрам(с)-ро дидам, ки Ҳасан ва Ҳусайнро дар шонаҳои худ шинонда буд ва ба сӯи мо меомад. Вақте ба мо расид, фармуд:

---

[1] “Мақтал”-и Хоразмӣ ҷ.1, саҳ.146, “Камолуддин”-и Садуқ, саҳ.152.

[2] “Сунан”-и Тирмизӣ ҷ.5, саҳ.323.



> ***“Ҳар касе ин ду фарзандамро дӯст дорад, маро дӯст доштааст ва ҳар ки бо онон душманӣ кунад, бо ман душманӣ намудааст”.*** [1]

Олитарин, самимитарин ва гӯётарин робитаи малакутии байни Паёмбар ва Ҳусайнро метавон дар ин ҷумлаи Расули Худо дид, ки фармудаанд:

> ***“Ҳусайн аз ман ва ман аз Ҳусайнам”.*** [2]

## Ҳусайн бо падар

Шаш сол аз умрашон бо паёмбар сипарӣ шуд. Он гоҳ, ки Расули Худо(с) чашм аз дунё фурӯ баст ва ба лиқои Парвардигор шитофт, муддати сӣ сол бо падар зист. Падаре, ки ҷуз ба инсоф ҳукм накард, ҷуз ба таҳорат ва бандагӣ вақташро нагузаронид, ҷуз Худо касеро надид, ҷуз Худо касеро нашинохт ва ҷуз Худо чизе наёфт. Падаре, ки дар замони ҳукуматаш лаҳзае ӯро ором нагузоштанд, ҳамон тавре ки баъд аз вафоти паёмбар ҷуз ба озораш барнахостанд. Дар тамоми ин муддат бо дилу ҷон аз амру фармонҳои падар итоат мекард ва дар чанд соле, ки ҳазрати Алӣ(а) мутасаддии хилофати зоҳирӣ шуд, ҳазрати Ҳусайн(а) дар роҳи пешбурди аҳдофи исломӣ, монанди як сарбози фидокор,

---

[1] “Захоирулуқбо”, саҳ.122.

“Сунан”-и Тирмизӣ, ҷ.5, саҳ.324.

ҳамчун бародари бузургвораш мекӯшид. Дар ҷангҳои “Ҷамал”, “Саффайн” ва “Наҳравон” ширкат дошт.

Ба ин тартиб, аз падараш Амири Мӯъминон(а) ва дини Худо ҳимоят кард.

### Имом Ҳусайн бо бародар

Пас аз шаҳодати ҳазрати Алӣ(а) ба фармудаи Расули Худо(с) ва васияти Амири мӯъминон Алӣ(а) имомат ва раҳбарии шиаён ба Ҳасан ибни Алӣ(а), - фарзанди бузурги Алӣ(а) мунтақил гашт. Бар ҳамаи мардум воҷибу лозим омад, ки ба фармонҳои пешвояшон - Имом Ҳасан(а) гӯш бидиҳанд. Имом Ҳусайн(а), ки дастпарвари ваҳйи муҳаммадӣ ва вилояти алавӣ буд, ҳамкор, ҳамроҳ ва ҳамфикри бародараш буд.

Чи тавре ки маълум аст бинобар масолеҳи Ислом ва ҷомеаи мусулмонон ва ба дастури Худованд Имом Ҳасан(а) маҷбур шуд, ки ба Муовия сулҳ кунад ва он ҳама нороҳатиҳоро таҳаммул кунад. Дар ин муддат Имом Ҳусайн(а) шарики ранҷҳои бародар буд. Ӯ чун медонист ин сулҳ ба салоҳи Ислом ва мусулмонон аст, ҳаргиз ба бародараш эътироз накард. Ҳатто рӯзе, ки Муовия дар ҳузури Имом Ҳасан (а) ва Имом Ҳусайн(а) даҳонашро ба бадгӯӣ нисбат ба Имом Ҳасан(а) ва падари бузургворашон кушод, Имом Ҳусайн ба дифоъ бархост, то сухани Муовияро бишканад ва сазои бадгӯиашро диҳад. Вале



Имом Ҳасан(а) ӯро ба сукут ва оромиш даъват кард. Имом Ҳусайн(а) қабул кард ва ба ҷояш баргашт. Он гоҳ Имом Ҳасан(а) худ ба посухи Муовия баромад ва бо баёни расо ва кӯбанда вайро хомӯш сохт.[1]

### Имом Ҳусайн (а) дар замони Муовия

Чун Имом Ҳасан (саломи Худо ва фариштагони Худо бар ӯ бод) аз дунё даргузашт, ба гуфтаи Расули Худо(с) ва Амири Мӯъминон(а) ва васияти Ҳасан ибни Алӣ(а) имомат ва роҳбарии шиаён ба Ҳусайн(а) мунтақил шуд ва аз тарафи Худо вазифадори роҳбари ҷомеа гардид.

Имом Ҳусайн(а) медид, ки Муовия аз қудрати Ислом ва пуштибонии давлати исломӣ истифода бурда, ноҳақ ба курсии хилофат такя зада, машғули хароб намудани асоси ҷомеаи исломӣ ва қонунҳои Худованд аст. Имом Ҳусайн(а) наметавонист дасте дароз кунад ва қудрате фароҳам оварад, то ӯро аз ҷойгоҳи ҳукумати исломӣ пойин бикашад, чунончи бародараш Имом Ҳасан(а) низ ҳамин вазъро дошт.

Имом Ҳусайн(а) медонист, ки агар тасмимашро ошкор созад ва ба созандагии қудрат бипардозад, пеш аз ҳар ҷунбиш ва ҳаракати муфиде ӯро ба қатл мерасонанд. Ночор

---

[1] “Иршод”-и Муфид, саҳ.173.

лабро зери дандон ниҳода сабрро пеша сохт. Агар бармехост, пеш аз иқдом ба дасиса кушта мешуд ва аз ин кушташудан ҳеҷ натиҷаи дилхоҳе ба даст намеомад.

Бинобар ин то Муовия зинда буд, чун бародар зист ва парчами мухолифатҳои бузург наафрохт, ҷуз он ки гоҳе ҳаракатҳо ва корҳои Муовияро зери тозиёнаи танқид мегирифт ва мардумро ба оядаи наздик умедвор месохт, ки иқдоми муассире хоҳад намуд. Дар тамоми муддате, ки Муовия аз мардум барои вилоятаҳдии Язид байъат мегирифт, Ҳусайн (а) ба ӯ сахт мухолифат кард. Ӯ ҳаргиз тан ба байъати Язид надод ва валиаҳдии ӯро напазируфт. Ҳатто гоҳе суханони сахте ба Муовия мегуфт ва номаҳои кӯбандае барои ӯ менавишт.[1]

Муовия ҳам дар гирифтани байъат барои Язид ба ӯ исроре накард ва Имом(а) ҳамчунин буд ва монд, то Муовия даргузашт...

### Қиёми Ҳусайнӣ

Язид пас аз Муовия бар тахти ҳукумати исломӣ такя зад ва худро Амири мӯъминон хонд. Ӯ барои он, ки салтанати ноҳақ ва ситамгаронаашро собиту барҳақ кунад, тасмим гирифт барои номдорон ва шахсиятҳои исломӣ

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ, саҳ.94, “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.206.



паёме фиристонад ва онҳоро барои байъат бо худ даъват намояд. Ба ҳамин ният номае ба ҳокими Мадина навишт ва дар он ёдовар шуд, ки барои ман аз Ҳусайн ибни Алӣ байъат бигир ва агар мухолифат кунад, ӯро ба қатл бирасон. Ҳоким ин хабарро ба Имом Ҳусайн(а) расонид ва ҷавоби матлабро хост. Имом Ҳусайн(а) чунин фармуд:

**“Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун, ва алал исломис салому изо булиятил уммату бироъин мисли Язида”.**[1]

***Он гоҳ, ки афроде чун Язид (шаробхӯр, қиморбоз, беимон ва нопок, ки ҳатто зоҳири Исломро ҳам риоят намекунад) бар маснади ҳукумати исломӣ биншинад, бояд фотеҳаи Исломро хонд. (Зеро ин гуна ҳокимон бо нерӯи Ислом ва ба номи Ислом, Исломро аз байн мебаранд).***

Имом Ҳусайн(а) медонист, ки инак ҳукумати Язидро ба расмият нашинохта аст ва агар дар Мадина бимонад ӯро ба қатл мерасонанд. Ӯ ба амри Парвардигор, шабона ва махфӣ аз Мадина ба сӯи Макка ҳаракат кард. Омадани он ҳазрат ба Макка ва саркашӣ кардани ӯ аз байъат бо Язид, дар байни мардуми Макка ва Мадина паҳн гашт ва ҳатто ин хабар то ба Кӯфа ҳам расид. Мардуми Кӯфа аз Имом Ҳусайн, ки дар Макка буд даъват карданд то ба сӯи онон биёяд ва зимомдори

[1] “Мақтал”-и Хоразмӣ, ҷ.1 саҳ.184.

умурашон бошад. Имом(а) Муслим ибни Ақил(а) - писари амаки худро ба Кӯфа фиристод, то ҳаракат ва вазъияти мардуми Кӯфаро аз наздик бубинад ва барояш бинависад.

Муслим ба Кӯфа расид ва бо истиқболи гарм ва бесобиқае рӯ ба рӯ шуд. Ҳазорон нафар ба унвони ноиби Имом(а) бо ӯ байъат карданд. Муслим(а) номае ба Имом Ҳусайн(а) навишт ва ҳаракати фаврии Имом(а) –ро лозим гузориш намуд.

Ҳарчанд Имом Ҳусайн(а) кӯфиёнро ба хубӣ мешинохт ва бевафоию бединиашонро дар замони ҳукумати падару бародар дида буд ва медонист ба гуфтаҳо ва байъаташон бо Муслим(а) эътимод наметавон кард, барои ҳуҷҷат ва фармони Парвардигор тасмим гирифт, ки ба сӯи Кӯфа ҳаракат кунад.

Бо ин ҳол то ҳаштуми моҳи зилҳиҷҷа, яъне рӯзе, ки ҳамаи мардуми Макка озими рафтан ба “Мино” буданд ва ҳар касе, ки дар роҳи Макка монда буд, мехост бо шитоби зиёд худро ба Макка бирасонад, он ҳазрат дар Макка монд. Ӯ дар чунин рӯз бо аҳли байт ва ёрони худ аз Макка ба тарафи Ироқ равон шуд. Вай бо ин кор ҳам ба вазифаи худ амал кард ва ҳам ба ҳамаи мусулмонони ҷаҳон фаҳмонд, ки писари пайғамбари уммат, Язидро ба расмият нашинохта бо ӯ байъат накарда, балки ба муқобили ӯ қиём кардааст.



Язид, ки рафтани Муслимро ба сӯи Кӯфа фаҳмида ва аз байъати кӯфиён бо ӯ огоҳ шуда буд, Ибни Зиёдро (ки аз палидтарин ёрони Язид ва аз касифтарин тарафдорони ҳукумати Бани Умайя буд) ба Кӯфа фиристод.

Ибни Зиёд аз заъфи имон, дурӯягӣ ва тарси мардуми Кӯфа истифода намуда, бо таҳдид онҳоро аз гирду пеши Муслим пароканда сохт. Муслим(а) ба танҳоӣ бо Аммол ибни Зиёд ба набард пардохт ва пас аз ҷанги диловарона бошуҷоат шаҳид шуд. (саломи Худо бар ӯ бод). Ибни Зиёд мардуми хиёнаткор ва беимони Кӯфаро бар зидди Имом Ҳусайн(а) шӯр андохт ва кор ба ҷое расид, ки баъзе аз он касоне, ки барои Имом(а) даъватнома навишта буданд, силоҳи ҷангӣ пӯшиданд ва мунтазир монданд то Имом Ҳусайн(а) аз роҳ расад ва ӯро ба қатл бирасонанд.

Имом Ҳусайн(а) аз ҳамон шабе, ки аз Мадина берун омад ва тамоми муддате, ки дар Макка буд ва дар тӯли роҳи Макка то Карбало то ҳангоми шаҳодат, гоҳе ба ишора, гоҳе бо сухани ошкор эълон медошт, ки мақсади ман аз ҳаракат расво сохтани ҳукумати зиддиисломии Язид, барпо доштани амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар, истодагарӣ дар муқобили зулму ситам аст ва ҷуз ҳимоят аз Қуръон ва зинда доштани дини муҳаммадӣ ҳадафе надорам.

Ин вазифае буд, ки Худованд ба ӯ вогузор намуда буд, ҳатто агар ба кушта шудани худ,

асҳоб ва фарзандон ва асирии хонаводааш анҷом ёбад.

Расули Худо(с), Амири Мӯъминон, Ҳасан ибни Алӣ ва пешвоёни пешини Ислом, шаҳодати Имом Ҳусайн(а)-ро борҳо баён намуда буданд. Ҳатто дар ҳангоми валодати Имом Ҳусайн(а) Расули Худо(с) шаҳодаташро пешгӯӣ карда буданд.[1] Худи Имом Ҳусайн низ ба илми имоматиаш медонист, ки охири ин сафар ба шаҳодаташ меанҷомад. Вале ӯ касе набуд, ки дар муқобили дастури осмонӣ ва фармони Худо ҷони худро азиз донад ё аз асорати хонаводааш воҳимае ба дил роҳ диҳад. Ӯ он касе буд, ки балоро каромат ва шаҳодатро саодат мепиндошт. (саломи абадии Худованд бар ӯ бод).

Хабари шаҳодати Ҳусайн(а) дар Карбало ба қадре дар ҷомеаи исломӣ мавриди гуфтугӯ шуда буд, ки оммаи мардум аз поёни ин сафар бохабар буданд. Зеро онҳо аз Расули Худо(с), Амири Мӯъминон(а), Ҳасан ибни Алӣ(а) ва дигар бузургони садри Ислом ин хабарро шунида буданд.

Ҳаракати Имом Ҳусайн(а) бо он даргириҳо ва нороҳатиҳо эҳтимоли кушта шуданашро дар зеҳни мардум ба вуҷуд оварда буд, чунончи худ дар тӯли роҳ мефармуд:

[1] “Комилуззиёрот”, саҳ.68



**«Ман кона бозилан фино муҳҷатаҳу ва муваттинан ало лиқоиллоҳи нафсаҳу, фалярҳал маъано»**

***Ҳар кас ҳозир аст дар роҳи мо аз ҷони худ бигзарад ва ба мулоқоти Парвардигор биштобад, ҳамроҳи мо биёяд.***[1]

Аз ҳамин сабаб дар баъзе аз дӯстон фикре ба вуҷуд омад, ки ҳазратро аз ин сафар боздоранд. Онҳо ғофил аз он буданд, ки фарзанди Алӣ ибни Абутолиб(а) имом ва ҷонишини паёмбар ва аз дигарон ба вазифаи хеш огоҳтар аст. Ӯ ҳаргиз аз ончи Худо бар ӯҳдааш гузоштааст, даст нахоҳад кашид.

Оре, Имом Ҳусайн(а) бо ҳамаи ин фикрҳо ва назарияҳо, ки атрофашро гирифта буд ба роҳи худ идома дод ва камтарин халале дар тасмимаш роҳ наёфт.

Саранҷом рафт, шаҳодатро дарёфт, на танҳо худ, балки бо асҳоб ва фарзандон, ки ҳар як ситораи дурахшон дар уфуқи Ислом буданд. Рафтанду кушта шуданд ва хунҳояшон регҳои тафсони дашти Карбалоро лолаборон кард то ҷомеаи мусулмонон бифаҳманд, ки Язид (боқимондаи бистарҳои гуноҳолуди хонадони Умайя) ҷонишини Расули Худо(с) нест ва асосан

[1] “*Луҳуф*”, саҳ.53

Ислом аз бани Умайя ва бани Умайя аз Ислом ҷудост.

Ростӣ ҳаргиз андешидаед, ки агар шаҳодати ҷонгудоз ва қаҳрамононаи Ҳусайн(а) ба вуқӯъ намепайваст ва мардум Язидро халифаи Пайғамбар(с) медонистанд, он гоҳ ахбори дарбори Язид ва шаҳватрониҳои ӯро мешуниданд, то чӣ андоза аз Ислом дилсард мешуданд? Зеро Исломе, ки халифаи пайғамбараш Язид бошад, ба ростӣ низ нафратовар аст...

Хонадони поки ҳазрати Имом Ҳусайн(а) асир шуданд, то охирин рисолати ин шаҳодатро ба гӯши мардум бирасонанд. Шунидем ва хондем, ки дар шаҳрҳо, дар бозорҳо, дар масҷидҳо, дар боргоҳи писари Зиёд ва дарбори никбатбори[1] Язид, ҳамвора ва ҳамаҷо даҳон кушоданд, фарёд заданд, пардаи зебои фиребро аз чеҳраи зишти хунхорони Бани Умайя бардоштанд ва нишон доданд, ки Язид сагбоз ва шаробхӯр аст, ҳагиз лаёқати идораи хилофатро надорад ва ин тахте, ки бар он такя задааст ҷойгоҳи ӯ нест. Суханонашон рисолати шаҳодати Ҳусайн(а)-ро такмил кард ва тӯфоне дар ҷонҳо барангехт, чуноне ки номи Язид то ҳамеша баробар ба ҳар пастӣ ва разолат гардид ва ҳамаи орзуҳои тиллоӣ

[1] Нафратовар, шум



ва шайтониаш чун нақш бар об гашт. Нигариши чуқур ва ҳамаҷониба мехоҳад то мо битавонем ба ҳамаи абъоди ин шаҳодати азим ва пурнатиҷа даст ёбем.

Аз ҳамон овони шаҳодаташ то кунун, дӯстон ва шиаёнаш ва ҳамаи онон, ки бо шарофат ва азамати инсон арҷ мегузоранд, ҳамасола солрӯзи ба хун ғалтиданашро, солрӯзи қиём ва шаҳодаташро бо сиёҳпӯшӣ ва азодорӣ мӯҳтарам мешуморанд. Шиаён ва пайравони Аҳли Байти исмат ва таҳорат ихлоси худро бо гиря бар мусибатҳои он бузургвори шаҳид иброз медоранд. Имомони маъсум ҳамеша ба воқеаи Карбало ва ба зинда доштани он инояти хос доштанд. Ғайр аз ин ки худ ба зиёрати марқадаш мешитофтанд ва азояшро барпо медоштанд, дар фазилати азодорӣ ва ғамгин будан барои он бузургвор гуфторҳои зиёдеро фармудаанд.

Абӯамора мегӯяд:

> ***“Рӯзе ба ҳузури имоми шашум Содиқи Оли Муҳаммад(а) расидам, фармуд: Ашъоре дар сӯгвории Ҳусайн(а) барои мо бихон. Вақте шурӯъ ба хондан намудам садои гиряи ҳазрат баланд шуд. Ман мехондам ва он ҳазрат мегирист, чунон ки садои гиря аз хона берун мерафт. Баъд аз он, ки ашъорро тамом кардам Имом (а) дар фазилат ва савоби марсия ва***

***гирондани мардум бар Имом Ҳусайн(а) матолибе баён фармуд".[1]***

Ва низ аз он ҳазрат аст, ки фармуд:

***"Гиристан ва бетобӣ кардан дар ҳеҷ мусибате шоиста нест, магар дар мусибати Ҳусайн ибни Алӣ(а), ки савоб ва аҷри гаронмояе дорад".[2]***

Боқирулулум - имоми панҷум ба Муҳаммад ибни Муслим, ки яке аз асҳоби бузурги он ҳазрат буд, фармуд:

***"Ба шиаёни мо бигӯед, ки ба зиёрати марқади Ҳусайн(а) биравper, зеро бар ҳар шахси боимоне, ки ба имомати мо мӯътариф аст, зиёрати қабри Абӯабдулло(а) лозим мебошад.[3]***

Имом Содиқ(а) мефармоянд:

**«Инна зиёратал Ҳусайни алайҳиссалому афзалу мо якуну минал аъмоли»**.

***Ҳамоно зиёрати Ҳусайн(а) аз ҳар амали писандидае арзиш ва фазилаташ бештар аст.[4]***

Ин зиёрат дар ҳақиқат мадрасаи бузург ва азиме аст, ки ба ҷаҳониён дарси имон ва амали

[1] "Комилуззиёрот", саҳ.105

[2] "Комилуззиёрот", саҳ.101

[3] "Комилуззиёрот", саҳ.121

[4] "Комилуззиёрот", саҳ.147



солеҳ медиҳад, гӯё рӯҳро ба сӯи малакут, хубиҳо, покдоманиҳо ва фидокориҳо парвоз медиҳад.

Ҳарчанд азодори ва гиря бар мусибати Ҳусайн(а), мушарраф шудан ба зиёрати қабраш, нишон додани таърихи пуршукӯҳи Карбалояш арзиши зиёде дорад, лекин бояд донист, ки набояд танҳо ба ин зиёратҳо ва гиряҳо қаноат кард, балки ҳамаи ин зоҳирҳо фалсафаи диндорӣ, фидокорӣ, қаноат аз қонунҳои осмониро ба мо гӯшзад менамояд. Ҳадаф ҳам ҷуз ин нест ва ниёзи бузурги мо аз даргоҳи ҳусайнӣ, омӯхтани инсоният ва холӣ будани дил аз ҳарчи ғайр аз Худост, мебошад. Вагарна агар фақат ба сурати зоҳири қазия бипардозем, ҳадафи муқаддаси ҳусайнӣ ба фаромӯшӣ табдил мешавад.

### Ахлоқ ва рафтори Имом Ҳусайн (а)

Бо нигоҳи иҷмолӣ[1] ба 56-соли зиндагии саросар худохоҳӣ ва худоҷӯйии Ҳусайн(а) дармеёбем, ки вақти ӯ ба покдоманӣ, бандагӣ, нашри рисолати аҳмадӣ ва мафоҳими амиқи болотар аз дарку диди мо гузашта аст.

Акнун мурури кӯтоҳе ба гӯшаҳои зиндагонии он азиз, ки пеши рӯи мост:

[1] Мухтасар, кӯтоҳ, фишурда.

Имом Ҳусайн(а) ба намозу ниёиш ба Парвардигор, хондани Қуръону дуо ва истиғфор алоқаи бисёре дошт. Гоҳе дар шабонарӯз садҳо ракъат намоз мегузошт.[1] Ҳатто дқар охирин шаби зиндагӣ даст аз ниёзу дуо набардошт ва аз душманон мӯҳлат хост, то битавонад бо Худои худ ба хилват бинишинад ва фармуд:

> ***Худо медонад, ки ман намоз, тиловати Қуръон, дуои зиёд ва изтиғфорро дӯст дорам.[2]***

Ҳазрат борҳо пиёда ба хонаи Каъба шитофт ва маросими ҳаҷро баргузор кард.[3] Писарони Ғолиби Асадӣ (Бушр ва Башир) ҳикоят кардаанд, ки дар асри рӯзи арафа, нӯҳуми зиҳиҷҷа, дар саҳрои Арафот ҳамроҳи Ҳусайн(а) будем. Он ҳазрат бо камоли хушӯъ ва бандагӣ аз хайма берун омад ва бо ҷамъи зиёде аз асҳобу фарзандон ба доманаи чапи кӯҳ истод. Пас аз он сурати муборак ба ҷониби Каъба гардонд, дастҳоро монанди мустаманди нотавон ба сӯи осмон бардошт ва ин дуоро қироат фармуд:

> ***“Ҳамду сипос Худоеро, ки чизе наметавонад қазо ва хостаи ӯро рад***

[1] “Ақдулфарид”, ҷ.3, саҳ.143

[2] “Иршод”-и Муфид, саҳ.214

[3] “Маноқиб”-и Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.224



> ***кунад ва пеши роҳи ато ва бахшиши ӯро бигирад.***
>
> ***Дасти ӯ дар саховат ва карам боз аст ва ҳар чизеро ба ҳикмати хеш некӯ ва мутқан[1] қарор дода аст. Талоши пинҳонкорон бар ӯ махфӣ нест ва ончи ба ӯ супурда шавад табоҳ намегардад. Ӯст подош ва кайфардиҳандаи ҳама, ислоҳкунандаи ҳолоти бандагони қаноатпеша, раҳмкунандаи нотавонон ва заифон, фурӯдоварандаи манофеъ ва китоби ҷомеи (Қуръон) нуронӣ ва фурӯзон. Ӯст шунавандаи дуоҳо, бартарафкунандаи гирифториҳо, болобарандаи дараҷаи некӯкорон ва кӯбандаи ситамгарон. Худое ба ҷуз ӯ нест, ҳамто надорад ва чизе монандаш нест. Ӯст шунаво, бино, латиф, огоҳ ва ба ҳар чизе қодиру тавоно.***
>
> ***Бор илоҳо! Ба сӯи ту рӯй меоварам ва ба Парвардигории ту гувоҳӣ медиҳам, эътироф ва иқрор дорам, ки ту Парвардигорам ҳастӣ ва бозгаштам ба сӯи туст. Пеш аз он, ки чизе бошам ва нишоне аз ман бошад, ба неъмат бар ман огоз кардӣ ва маро аз хок офаридӣ...***

[1] Боварибахш

*Сипас маро сиҳату солим барои ҳидояте, ки аз пеш муқаддар фармуда будӣ, ба дунё овардӣ, маро дар гаҳвора, ки кӯдаки хурдсол будам ҳифз кардӣ, аз ғизоҳо шири гуворороро бароям рӯзӣ намудӣ, дили парасторонро нисбат ба ман меҳрубон кардӣ, модарони дилсӯзро ба тарбияти ман водор кардӣ, маро аз озорҳо ва шурури[1] пинҳонии ҷинн ҳифз кардӣ ва аз фузунию костӣ солим нигоҳ доштӣ. Пас, ту баландмартабаӣ эй Раҳим, эй Раҳмон. То он гоҳ, ки забон ба сухан кушодам, ба ман неъматҳои комили худро тамом гардондӣ. Ҳамасола маро парварондӣ, то ки хилқатам комил шуд ва нерӯям эътидол ёфт. Ҳуҷҷати худро бар ман тамом кардӣ, маърифату шинохти худро ба ман илҳом намудӣ, маро ба ҳикмати аҷоиби худ шигифтзада кардӣ ва ба офаринишҳои бесобиқаат, ки дар осмон ва заминат ба вуҷуд овардӣ ҳушёрам сохтӣ. Барои сипосгузорӣ ва ёд карданат огоҳам сохтӣ, итоату парастиши хешро ба ман воҷиб кардӣ, ончи паёмбаронат оварданд ба ман фаҳмондӣ, пазируфтани ончи сабаби*

[1] Бадиҳо, зарарҳо.



*хушнудият мешавад бар ман саҳлу осон кардӣ ва ёрию лутфе, ки дар ҳамаи ин марҳалаҳо нисбат ба ман доштӣ онро бар ман миннат ниҳодӣ.*

*Бор илоҳо! Розӣ нашудӣ, ки бархе аз неъматҳоро ба ман надиҳӣ. Ба ҷуди азиму эҳсони деринаат навъҳои хӯрданиҳою ошомиданиҳо ва хелҳои пӯшишҳою либосҳоро рӯзиам гардондӣ.*

*Он гоҳ, ки ҳамаи неъматҳоро бар ман тамом гардондӣ, ҳамаи балоҳоро аз ман дур сохтӣ. Нодонии ман ва низ густохиам нисбатат туро бознадошт, ки маро ба мӯҷиботи қурб роҳнамоӣ кунӣ ва ба ончи маро дар назди ту ҷо медиҳад, муваффақ гардонӣ.*

*Худоё! Кадом яке аз неъматҳоятро баршуморам ва ёд кунам, ба шукри кадоме аз атоҳои ту бипардозам, дар ҳоле ки неъматҳою атоҳои ту беш аз он аст, ки шуморандагон битавонанд онҳоро бишуморанд ё ҳисобдорон битавонанд ба он илм пайдо кунанд. Шиддатҳо, нороҳатиҳо ва балоҳое, ки аз ман дур доштӣ, афзунтар аз саломатӣ, офият ва роҳатиҳое аст, ки барои ман ошкор аст.*

*Худоё, ман туро ба ҳақиқати имонам ва... гувоҳ мегирам, агар ба фарз дар*

*ҳамаи асрҳо ва даҳрҳо зинда бимонам ва тамоми кӯшишамро ба харҷ диҳам, ки шукри яке аз неъматҳоятро ба ҷо оварам, тавоноии онро надорам, магар ту бар ман миннат ниҳӣ, ки ин сабаби шукри ҷадид ва санои тозае хоҳад гардид...*

*Бор илоҳо! Маро чунон кун, ки аз ту он чунон тарсам, ки гӯӣ туро мебинам. Маро ба неъмати тақвою парҳезкорӣ саодатманд гардон ва ба сабаби иртикоби маъсияту нофармонӣ бадбахтам магардон.*

*Бор илоҳо! Бениёзиро дар нафсу ҷонам, яқинро дар дилам, ихлосро дар амалам, равшаниро дар дидаам, басирату биноиро дар динам қарор деҳ ва маро ба узвҳою ҷавориҳам баҳраманд гардон...*

*Бор илоҳо! Агар бихоҳам неъматҳои вуҷуд ва бахшишҳои гаронмояатро бишуморам, наметавонам.*

*Мавлои ман! Туӣ, ки карам кардӣ,*

*Туӣ, ки неъмат додӣ,*

*Туӣ, ки некӣ кардӣ,*

*Туӣ, ки ба фазилат рафтор кардӣ,*

*Туӣ, ки бахшишатро ба камол расондӣ,*

*Туӣ, ки рӯзӣ додӣ,*

*Туӣ, ки тавфиқ иноят фармудӣ,*



*Туӣ, ки ато кардӣ,*

*Туӣ, ки бениёз гардондӣ,*

*Туӣ, ки моя додӣ,*

*Туӣ, ки паноҳ додӣ,*

*Туӣ, ки муҳиммоти маро кифоят фармудӣ,*

*Туӣ, ки ҳидоят кардӣ,*

*Туӣ, ки моро аз лағжишҳо ва хатарҳо ҳифз кардӣ,*

*Туӣ, ки пардапӯшӣ намудӣ,*

*Туӣ, ки омӯрзидӣ,*

*Туӣ, ки афв кардӣ,*

*Туӣ, ки ёрӣ кардӣ,*

*Туӣ, ки нерӯ бахшидӣ,*

*Туӣ, ки нусрат намудӣ,*

*Туӣ, ки шифо бахшидӣ,*

*Туӣ, ки офият додӣ,*

*Туӣ, ки гиромӣ доштӣ.*

**Таборакта раббӣ ва таъолайта, фалакал ҳамду доиман ва лакаш шукру восибан».**

*Бузургӣ ва волоӣ, эй Парвардигори ман, ҳамду сано то абад хосу махсуси туст ва ҳамешаю ҳамвора барои туст.*

*Пас, парвардигоро! Ба исёнам эътироф дорам, Маро бибахш ва аз гуноҳонам даргузар.”*[1]

[1] Ин дуо дар китоби “Иқбол”-и Сайид ибни Товус саҳ. 339-350, “Биҳоруланвор”-и Аллома Маҷлисӣ ҷ.98, саҳ213,

Дар он рӯз Имом Ҳусайн (а) ончунон дилҳоро ба хондани ин дуо ба сӯи Парвардигор кашид, ки анбӯҳи халоиқ садои гиряашон ба осмон печид, чунон ки Худоро ҳамроҳи калимоти имомашон ба иҷобат хонданд ва омин гуфтанд.

Ибни Асир дар китоби "Усдулғоба" менависад:

**«Конал Ҳусайну разияллоҳу анҳу фозилан касирассавми вассалоти вал ҳаҷҷи вассадақати ва афъолил хайри ҷамиъиҳо»**.

***Ҳусайн (а) бисёр рӯза мегирифт, намоз мегузорид, ба Ҳаҷ мерафт, садақа медод ва ҳамаи корҳои писандидаро анҷом медод.[1]***

Шахсияти Ҳусайн ибни Алӣ(а) ончунон баланд, дур аз дастрас ва пуршукӯҳ буд, ки вақте бо бародараш имоми Ҳасан(а) пиёда ба Каъба мерафтанд, ҳамаи бузургон ва шахсиятҳои исломӣ бо эҳтиромашон аз маркаб пиёда шуда, ҳамроҳи онон роҳ мепаймуданд.[2]

Эҳтироме, ки ҷомеа барои Ҳусайн(а) қоил буд, ба он ҷиҳат буд, ки ӯ бо мардум зиндагӣ мекард,

"Мафотеҳулҷинон"-и марҳум Муҳаддиси Қумӣ ва соири китобҳо нақл шудааст. Касоне, ки мехоҳанд аз матни арабии он истифода кунанд, метавонанд ба китоби Мафотеҳулҷинон"-е, ки дастраси ҳама мебошад, муроҷиат намоянд.

[1] "Усдулғоба" ҷ.2, саҳ.20

[2] "Зикрул-Ҳусайн", ҷ.1, саҳ.152 ба нақл аз "Риёзулҷинон" чопи Бомбай, саҳ.241



аз мардум ва муошираташон канора намеҷӯст, бо ҷони ҷомеа ҳамоҳанг буд, дар шодию ғами мардум шарик буд. Болотар аз ҳама имони мустаҳками ӯ ба Худованд, ӯро ғамхору ёвари мардум сохта буд.

Имом на кохҳои пуршукӯҳ дошту на сарбозону ғуломони муҳофиз. Ӯ ҳаргиз мисли ҷабборон роҳи омаду рафтро барои гузаштан бар мардум намебастанд ва ҳарами Расулуллоҳ(с) – барои ӯ хилват намекарданд...

Ин ривоят шаммае аз ахлоқи иҷтимоии ӯст:

«Рӯзе аз маҳалле гузар мекард ва гурӯҳе аз фақиронро дид, ки бар абоҳои[1] паҳншудаашон нишаста буданд ва пораҳои нони қоқ мехӯрданд. Вақте Имом Ҳусайн(а) аз наздашон мегузашт, ӯро таклиф ба нонхӯрдан намуданд. Ҳазрат пазируфт, нишаст, тановул кард ва он гоҳ баён дошт:

**«Инналлоҳа ло юҳиббул мутакаббирин»**.

***Худованд мутакабиронро дӯст намедорад[2]***

Сипас фармуд: Ман даъвати шуморо қабул кардам, шумо ҳам даъвати маро қабул кунед. Онҳо ҳам даъвати он ҳазратро пазируфтанд ва ҳамроҳи ӯ ба манзилаш рафтанд. Ҳазрат дастур дод ҳарчи дар хона мавҷуд аст, ба зиёфаташон

[1] *Либосҳои дарозе, ки одатан мардуми араб мепӯшанд.*

[2] Сураи "Наҳл", ояти 22

оварданд.[1] Ба ин тартиб онҳоро хуб меҳмондорӣ намуд ва дарси тавозӯъ ва инсондӯстиро ба амали хеш ба ҷомеа омӯхт».

Шуайб ибни Абдураҳмони Хузоӣ мегӯяд:

> ***«Чун Ҳусайн ибни Алӣ(а) ба шаҳодат расид, бар пӯшти муборакаш осори пина2 мушоҳида карданд. Иллаташро аз имом Зайнулобидин пурсиданд, фармуд: “Ин пинаҳо асари халтаҳои хӯрокаю таомҳое аст, ки падарам шабҳо ба дӯш мекашид ва ба хонаи занҳои шавҳармурда ва кӯдакони ятиму фуқаро мерасонид”.[3]***

Шиддати алоқаи Имом Ҳусайнро ба дифоъ аз мазлумон ва ҳимоят аз ситамдидагон метавон дар достони "Аринаб ва ҳамсараш Абдулло ибни Салом" дарёфт, ки мо фишурдаи онро дар зер меоварем:

Язид дар замони вилоятаҳдӣ бо он, ки ҳама навъи васоили шаҳватронӣ, комҷӯӣ, комравоӣ, аз қабили пул, мақом, канизони раққоса ва... дар ихтиёр дошт, чашми нопокашро ба бонуи шавҳардори боиффате дӯхта буд.

---

[1] “Тафсири Айёшӣ”, ҷ.2, саҳ. 257

[2] Обила, нишонаҳое аз ҷароҳат.

[3] “Маноқиб” ҷ.2, саҳ.222



Падараш, Муовия ба ҷои ин, ки дар баробари ин рафтори зишту нангин аксуламали хубе нишон диҳад, бо ҳилагарӣ, дурӯғпардозию фиребкорӣ, муқаддамоте фароҳам сохт, то зани мусулмони покдоманро аз хонаи шавҳараш ҷудо сохта, ба бистари гуноҳолуди писараш Язид бикашонад. Ҳусайн ибни Алӣ(а) аз ҳодиса бохабар шуд, дар баробари ин тасмими зишт истод ва нақшаи шуми Муовияро барбод сохт. Ҳазрат бо истифода аз яке аз қонунҳои Ислом занро ба шавҳараш Абдулло ибни Саллом баргардонд ва дасти таҷовузи Язидро аз хонаводаи мусулмони покизае қатъ намуд. Бо ин кор ҳиммат ва ғайрати илоҳиашро намоён ва алоқамандии худро ба ҳифзи номусҳои ҷомеаи мусулмон нишон дод. Ин рафтор достоне шуд дар фазилату ҷойгоҳи Оли Алӣ(а) ва пастию ситамгарии Бани Умайя, ки барои ҳамеша дар таърих ба ёдгор монд.[1]

Алоилӣ дар китоби “Сумуввулмаънӣ” менависад:

> ***“Мо дар таърихи инсоният ба мардони бузурге бархӯрд мекунем, ки ҳар кадом дар ҷабҳа ва ҷиҳате азамату бузургии хешро ҷаҳонгир сохтаанд, яке дар шуҷоат, дигаре дар зӯҳд, сеюмӣ дар***

---

[1] “Ал-имомату вас-сиёса” ҷ.1, саҳ.253

***саховат ва... Аммо шукӯҳ ва бузургии Имом Ҳусайн(а) ҳаҷми бузурге аст, ки гӯшаҳои бениҳояташ, ҳар як мушахаскунандаи як азамати фарози таърих аст, гӯё ӯ ҷомеи ҳамаи волоиҳо ва фарозмандиҳост".***[1]

Оре, марде, ки вориси бекаронагии нубуввати муҳаммадӣ аст, марде, ки вориси азамати адл ва мурувввати падаре чун ҳазрати Алӣ(а) аст ва вориси ҷалолу дурахшандагии фазилати модаре чун ҳазрати Фотимаи Заҳро(а) аст, чӣ гуна намунаи бартар ва волои азамати инсон ва нишонаи ошкори фазилатҳои худоӣ набошад.

Дуруди мо бар ӯ бод, ки бояд ӯро дар кор ва рафторамон намуна қарор диҳем.

Имом Ҳусайн(а) ва ҳикояти зистанаш, шаҳодаташ, лаҳни гуфтораш ва гӯшаҳои гуногуни кирдораш на танҳо намунаи як бузургмарди таърихро барои мо муҷассам месозад, балки ӯ бо ҳамаи вуҷудаш оинаи тамомнамои фазилатҳо, бузургмардиҳо, фидокориҳо, ҷонбозиҳо, худохоҳиҳо ва худоҷӯйиҳо мебошад. Ӯ ба танҳоӣ метавонад ҷонро ба лоҳут роҳбар бошад ва саодати башариатро зомин гардад.

---

[1] Аз китоби "Сумуввулмаънӣ", саҳ.104, нақл ба маъно шудааст.



Будан ва рафтанаш, маънавият ва фазилатҳои инсонро арҷманд намуд.

**Чакидае аз суханони Имом (а)**

1. Имом Ҳусайн (а) фармуд:

***Мардум бандаи дунё ҳастанд ва динро фақат бо забонашон ламс мекунанд, то вақте бидонанд ин гуфтугӯи зоҳирӣ ба зарари дунёашон нест, бар меҳвари дин тоб меҳӯранд. Аммо он гоҳ ки ба имтиҳоне озмуда шаванд, (ки лозим шавад аз дунё бибуранд ва ба дин бипайвананд) диндорони воқеӣ кам ҳастанд.***

2. Имом Ҳусайн(а) ба фарзандаш имом Зайнулобидин(а) фармуд:

***"Писарам, аз ситам намудан ба касе, ки ҷуз Худованди бузург ва азиз ёваре надорад, бипарҳез". (Худованд ба зудӣ доди чунин мазлумеро аз золим хоҳад гирифт).***

3. Шахсе аз Имом Ҳусайн(а) хост, ки хайри дунё ва охиратро барои ӯ бинависад. Ҳазрат дар ҷавоби ӯ навишт:

***"Ҳар кас хоҳони ризояти Худованд бошад ва хушнудии Худовандро ба ғазаби мардум нафурӯшад, Офаридгор умуре, ки ба дасти мардум аст барои ӯ кифоят хоҳад кард ва ҳар кас толиби ризояти***

***мардум аст ва хушнудии мардумро ба азамати Худо бихарад, Парвардигор ӯро ба мардум во мегузорад".***

4. Шахсе ба Имом Ҳусайн(а) арз кард:

***- Эй писари Расули Худо(с), ман ба гуноҳ олуда ҳастам ва қудрати онро надорам, ки аз исёнам бигурезам, маро мавъиза фармо.***

Имом Ҳусайн(а) фармуд:

***-Ба панҷ кор бипардоз ва ҳарчи хостӣ исён варз:***

***1.Аз неъматҳои Худованд истифода накун, он гоҳ ба гуноҳ рӯ кун.***

***2.Агар метавонӣ аз ҳукумат ва сарпарастии Парвардигор хориҷ шавӣ, гуноҳ кун.***

***3.Ба ҷое паноҳ бар, ки Офаридгорат туро набинад, баъд ҳарчи хостӣ гуноҳ кун.***

***4.Агар метавонӣ ҳангоми марг ҷон ба фариштаи Худо таслим нанамоӣ, ҳар гуноҳе мехоҳӣ ба ҷой овар.***

***5.Агар метавонӣ вақте, ки туро ба шӯълаҳои дӯзах месупоранд, ворид нашавӣ, ҳар андоза метавонӣ исён кун.***

***(Акнун, ки наметавонӣ ин панҷ корро анҷом диҳӣ, бояд аз гуноҳ ва олудагӣ бипарҳезӣ).***

5. Ҳусайн ибни Алӣ(а) фармуд:



***Эй инсон, сармоя ва ҳастии ту умри туст. Ҳар рӯз, ки аз умри ту мегузарад, қисмате аз ҳастии ту аз байн рафтааст (Бингар, ки аз ҳастӣ ва сармояат истифода кардаӣ? Кӯшиш кун, ки дар оянда онро беҳуда талаф накунӣ).[1]***

6. Аз ҳазрати Имом Ҳусайн(а) пурсиданд:

Чӣ гуна субҳ кардед? (Ҳоли шумо чӣ хел аст?)

Фармуданд:

***"Субҳ кардаам дар ҳоле, ки Парвардигоре дорам, ки нозири аъмоли ман аст, оташ (ҷаҳаннам) дар пеши дидагони ман аст, марг дар таъқибам то маро бигирад, ҳисобу китоб (дар дунё ва рӯзи қиёмат) маро иҳота кардааст ва ман дар гарави аъмоли худ ҳастам. Ин гуна нест, ки ҳар чиро бихоҳаму дӯст дорам ҳамон пеш ояд ва битавонам ба он бирасам ва он чиро нахоҳам ва кароҳат дошта бошам, битавонам аз худ дафъ кунам. Зеро ҳамаи корҳо дасти дигаре (Худо) аст, агар бихоҳад маро азоб мекунад ва агар бихоҳад мавриди афв қарор медиҳад, (бинобар ин) кадом фақире аз ман фақиртар аст".***

---

[1] "Балоғатул Ҳусайн" саҳ.87, ба нақл аз "Иршодулқулуб"-и Дайламӣ.

***7.** Гурӯҳе бо умеди подош ва биҳишт Худоро ибодат мекунанд. Ин тарзи бандагӣ, бандагии бозаргонон ва савдогарон аст (ба умеди фоида заҳмат мекашанд ва фаъолият мекунанд).*

*Гурӯҳе аз тарси уқубат ва ҷаҳаннам, Худоро ибодат мекунанд. Ин тарзи бандагӣ, бандагии бардагон ва ғуломон аст (агар тарс аз азоб ва танбеҳи молики худ надошта бошанд, ӯро итоат намекунанд).*

*Гурӯҳе барои сипосгузорӣ аз Худои мутаол ва неъматҳои беандозааш ӯро ибодат мекунанд, ин ибодат ибодати озодагон аст.*

***8.** Худованд тоқати ҳеҷ касеро кам намекунад, то ин ки аз воҷиботи ӯ ҳам мекоҳад ва ҳам тавоноии ҳеҷ касро кам намекунад, то ин ки таклифҳои ӯ ҳам мекоҳад (яъне ба ҳар кас ба андозаи тоқат ва тавоноии ӯ вазифа медиҳад ва беш аз тавону тоқати ӯ аз вай чизе намехоҳад). Ҳамон тавре ки Қуръони карим мефармояд: Ло юкаллифуллоҳу нафсан илло вусъаҳо.*

***9.** Баҳои шумо чизе ҷуз биҳишт нест, пас худро ба ғайри он мафурӯшед. Зеро ҳар кас ба дунё розӣ гардад, (ҳадафаш фақат расидан ба дунё бошад) ба чизи паст розӣ шудааст.*



***10.** Ҷуз бо пайравӣ аз ҳақ ақли инсон комил намешавад.*

***11.** Шукри неъматҳои гузашта сабаб мешавад, ки Худои мутаол неъматҳои тозае ба инсон лутф кунад*

***12.** Амин мапиндор, магар он касеро, ки аз Худо битарсад (яъне аҳли имон ва диндор бошад).*

***13.** Аз Имом(а) пурсиданд: Фазилат чист? Фармуданд: Молики забон будан (то битавонад суханеро, ки Худо розӣ нест нагӯяд) ва базли некӣ (яъне эҳсон кардан ба бандагони Худо).*

***Поён.***

## Мундарича

Сарсухан .................................................................5
Валодат ..................................................................9
Ҳусайн ва Паёмбар (с).........................................10
Ҳусайн бо падар..................................................12
Имом Ҳусайн бо бародар ..................................13
Имом Ҳусайн (а) дар замони Муовия ...............14
Қиёми Ҳусайнӣ...................................................15
Ахлоқ ва рафтори Имом Ҳусайн (а)..................24
Чакидае аз суханони Имом (а)...........................36